ТДУ 338.43

# ҲОЛАТИ ИСТЕҲСОЛИ ҒАЛЛАДОНА ДАР МИНТАҚАИ ҲИСОРИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Олимов А.Х.**, н.и.и., дотсент, **Аминзода З.М.**, омӯзгори калон – ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур

***Кал идвожаҳо:*** *галладона, сатҳи даромаднокӣ, сифатнокӣ, ҷамъоварии умумӣ, ҳосилнокӣ, сиёсати озуқаворӣ, таъминот бо техникаи кишоварзӣ, даромад, фоида.*

Истеҳсоли ғалладона - яке аз соҳаҳои асосии анъанавии кишоварзии Тоҷикистон мебошад, ки аз ҳолат ва сатҳи рушди он вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ дар кишвар вобаста мебошад.

Истеҳсол, истеъмол ва сифатнокии маҳсулотҳои озуқаворӣ дар маҷмӯъ яке аз заминаҳои асосии ҳаёти инсониро ташкил менамояд, ки истиқлолияти амнияти озуқаврии давлатҳоро муайян менамояд. Ноил гардидан ба сатҳи таъминнокии аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоии босифат бо меъёрҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноккардашуда - нишондиҳандаи асосии татбиқи бомуваффақияти сиёсати давлатии озуқаврии мамлакат ва дурустии интихоби стратегияи соҳа мебошад [1, саҳ. 36].

Вазъияти зери таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ дар хоҷагиҳои ғаллапарварӣ ва бозори ғалладонагиҳои кишвар ба амал омада, шароити макроиқтисодии номусоидро барои пешбурди хоҷагиҳои ғаллапарварӣ ба вуҷуд овард ва он аз ислоҳот дар муносибатҳои байнисоҳавӣ, бавуҷудоии нобаробарӣ дар нархгузории ғалладона ва дигар маҳсулоти саноатӣ, босуръат кам шудани дастгирии давлатии бахши хоҷагиҳои ғаллапарварӣ ва набудани механизми батанзимдарории фаъол дар бозори ғалладона ва ғайра вобаста аст.

Норасоии манбаъҳои молиявӣ барои истеҳсолкунандагони ғалладонагӣ асосан ҳолати иқтисодӣ ва махсусан техникию технологии хоҷагиҳои ғаллапарвариро хеле вазнин намуданд, масъалаҳои нави мушкилҳалшавандаро илова намуда, нисбатан зуд ақидаи ғалатро дар бораи бозор, ки гӯё он ҳамчун «дасти нонамоён» худ аз худ мушкилотҳои бисёрсола ва гуногуни дар истеҳсоли ғалладона ба амаломадаро ҳал менамояд ва ҳамаи онро ҷобаҷо мегузорад, пароканда намуд [2, саҳ. 17].

Дар Тоҷикистон, чун дар дигар кишварҳои Осиё, нон ғизои асосии аҳолӣ аст ва парвариши гандум яке аз самтҳои асосии фаъолияти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Шароити мавҷудаи таърихӣ ва тағйири шакли иҷтимоию сиёсӣ ба парвариши ғалладона таъсир расониданд. Пас аз ба даст овардани истиқлолият, сиёсати аграрии ҳукумат ба ноил шудан ба амнияти озуқаворӣ нигаронида шуда буд. Ҳамзамон, диққати асосӣ ба парвариши гандум равона карда мешавад, зеро он тақрибан 60% эҳтиёҷоти кишварро ба маҳсулоти нонӣ таъмин менамояд.

Талаботи умумии ғалладона дар Тоҷикистон 1,3-1,5 миллион тоннаро ташкил медиҳад. Ҳанӯз истеҳсоли гандум дар кишвар кофӣ нест ва касри он бо афзоиши истеҳсолот ва рушди воридот бартараф карда мешавад. Воқеан, дар соли 2018 тақрибан 1296,2 ҳазор тонна ғалла истеҳсол шудааст. Тибқи маълумоти оморӣ, соли 1991 дар Тоҷикистон 231,7 ҳазор тонна ғалладона истеҳсол шуда буд (ҷадв. 1.).

**Ҷадвали 1.- Майдони кишт, ҳосилнокӣ ва истеҳсоли ғалладона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991- 2018**

| Нишондиҳандаҳо | 1991 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Майдони кишт, ҳамагӣ, ҳазор, га | 231,7 | 437,4 | 412,6 | 422,9 | 423,5 | 411,6 | 374,9 |
| Ҳосилнокӣ, с/га | 13,1 | 27,7 | 28,1 | 27,7 | 29,2 | 29,9 | 28,7 |
| Ҷамъоварии умумӣ, ҳазор тонна | 304,3 | 1392,6 | 1317,8 | 1392,5 | 1435,8 | 1447,6 | 1296,1 |

Манбаъ :Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/маҷмуи оморӣ. Душанбе, 2019, саҳ. 139-154.

Пас аз пошхӯрии ИҶШС истеҳсоли ғалладона якбора коҳиш ёфт ва дар соли 1995 истеҳсоли он 174,3 ҳазор тоннаро ташкил мекард ва танҳо аз соли 1996 тамоюли болоравӣ дошт. Соли 1996 аввалин маротиба истеҳсоли ғалладонагиҳо дар ҷумҳурӣ нисбат ба соли 1991 афзун гардонида шуд. Дар соли 2018 аз 1,3 млн тонна ғалладонагӣ дар ҷумҳурӣ истеҳсол карда шуд, ки агар ҳамаи он барои истеъмоли аҳолӣ сарф карда шавад, талаботи аҳолиро 90% бо ғаллаи худӣ таъмин карда метавонад, вале қисми он ҳамчун хуроки чорво истифода бурда мешавад, чунки сифати он паст буда, барои истеъмоли аҳолӣ номувофиқ боқӣ мемонад. Тибқи маълумотҳои оморӣ дар соли 2018 616 ҳазор тонна ғалладона ҳамчун хуроки чорво истифода бурда шудааст, ки 48,2% ғалладонагии истеҳсолшударо ташкил медиҳад[16].

Ин далер зарурияти воридоти гандумро аз мамлакатҳои дигар, масалан Қазоқистон барои ҷумҳурӣ талаб менамояд. Маҳсулоти асосии хуроквcovорӣ аз таркиби ғалладонагиҳо барои аҳолии Осиёи Марказӣ гандум ба ҳисоб меравад. Бо сабаби ноором иҳои сиёсии солҳои наваді асри гузашта ва канда гаштани алоқаҳои иқтисодӣ дар кишвар норасоии гандум ба мушоҳида расид ва ҳамаи категорияҳои хоҷагидорӣ ба истеҳсоли ин намуди маҳсулот бештар намуданд ва дар натиҷа, ҳам ҳосилнокӣ ва ҳам ҳосили умумии гандум аз соли 1996 сар карда рӯ ба афзоиш намуд.

Агар дар соли 1991 ҳосилнокии гандум 10,4 с/гаро ташкил намуда бошад пас дар соли 2018 ин нишондод ба 30,5 с/га расонида шуд. Дар ин сол дар маҷмуъ 778985 тонна гандум дар дохили ҷумҳурӣ истеҳсол карда шуд.

Вале мувофиқи таҷрибаи хоҷагидорони пешқадам сатҳи ҳосилнокӣ ҳоло ҳам дар ҷумҳурӣ паст буда, имконияти то ба 60-70 с/га расонидани ҳосилнокии гандум дар ҷумҳурӣ, вобаста аз истифодаи технологияи нав, риояи агротехникаи парвариш ва истифодаи тухмиҳои хушсифат мавҷуд аст.

[16] *Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаи оморӣ, соли 2019, саҳ. 17*

Ҷадвали 2. - Майдони кишт, ҳосилнокӣ ва истеҳсоли гандум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991- 2018

| Нишондиҳандаҳо | 1991 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Майдони кишт, га | 143589 | 318601 | 292573 | 295632 | 297479 | 285867 | 255549 |
| Ҳосилнокӣ, с/га | 10,4 | 29,7 | 29,6 | 30,3 | 30,8 | 31,5 | 30,5 |
| Ҷамъоварии умумӣ, ҳазор тонна | 149313 | 947350 | 868372 | 896362 | 917081 | 899653 | 778985 |

Бояд қайд намуд, ки дар афзоиши истеҳсоли ғалла хоҷагиҳои деҳқонӣ саҳми назаррас доранд, аммо ҳиссаи корхонаҳои давлатӣ тадриҷан кам шуда истодааст (ҷадв. 3.).

Ҷадвали 3.- Ҷамъоварии умуми иҳосили ғалладона ва лӯбиёӣ якҷоя бо ҷуворимакка барои дон, хазор тонна

| | 1991 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ | 304,4 | 1392,6 | 1317,8 | 1392,6 | 1435,8 | 1447,6 | 1296,2 |
| дар корхонаҳои кишоварзӣ | 292,0 | 163,9 | 152,8 | 154,0 | 145,9 | 126,2 | 109,5 |
| дар хоҷагиҳои аҳолӣ | 12,4 | 482,7 | 422,7 | 405,8 | 424,7 | 447,9 | 434,2 |
| дар хоҷагиҳои деҳқонӣ | - | 746,0 | 742,3 | 832,8 | 865,2 | 873,5 | 752,5 |
| аз онҳо гандум, ҳамагӣ (тирамоҳӣ ва баҳорӣ) | | | | | | | |
| Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ | 153,1 | 947,4 | 868,4 | 896,3 | 917,1 | 899,6 | 779,0 |
| дар корхонаҳои кишоварзӣ | 149,3 | 115,0 | 105,5 | 104,3 | 95,6 | 79,7 | 67,7 |
| дар хоҷагиҳои аҳолӣ | 3,8 | 295,7 | 243,8 | 232,4 | 242,9 | 247,0 | 229,6 |
| дар хоҷагиҳои деҳқонӣ | - | 536,7 | 519,1 | 559,6 | 578,6 | 572,9 | 481,7 |

**Манбаъ:**Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/маҷмуи оморӣ. Душанбе, 2019, саҳ. 137-155

Аз таҳлили натиҷаҳои ҷадвал бармеояд, ки ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар истеҳсоли ғалладонагиҳо 58% ва дар истеҳсоли гандум 61%-ро ташкил медиҳад. Сабаби асоии ин таҷдид шудани корхонаҳои кишоварзӣ ва дар ин замина ташкил намудани хоҷагиҳои деҳқонӣ ба ҳисоб меравад.

Боиси қайд аст, ки яке аз мушкилотҳои асосии хоҷагиҳои ғаллапарвар ин нарисидани нуриҳои минералӣ ва органикӣ мебошад. Масалан, дар соли 2018, норасоии нуриҳои калий бештар аз 50% ва нуриҳои фосфорӣ беш аз 40% -ро ташкил медиҳад. Таъминоти хоҷагиҳо дар нуриҳои нитрогенӣ 80% ва ба сӯзишвории дизелӣ 75% -ро ташкил медиҳад. Аз рӯи гуфти деҳқонон, нарасидани нуриҳои минералӣ, сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ ва таҷҳизот омилҳои асосии боздорандаи ҳосили зироатҳо мебошанд (ҷадв. 4.).

Ҷадвали 4.- Андохтани нуриҳои минералӣ ва ораганикӣ ба 1 гектар кишти зироатҳои кишоварзӣ дар минтақаи Ҳисор

| Нишондодҳо | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Нуриҳои минералӣ андохта шуд (ба ҳисоби 100% моддаҳои ғизодиҳанда), кг | 127,9 | 146,6 | 146,8 | 127,4 | 139,8 | 134,2 |
| Аз он ҷумла ба зироатҳои ғалладона | 84,5 | 83,4 | 90,6 | 90,9 | 92,7 | 84,0 |
| Поруи органикӣ андохта шуд тонна | 3,5 | 2,7 | 3,9 | 4,2 | 2,4 | 2,3 |
| Аз он ҷумла ба зироатҳои ғалладона | 2,7 | 1,7 | 2,6 | 3,0 | 1,8 | 1,6 |

**Манбаъ**:Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/маҷмуи оморӣ. Душанбе, 2019, саҳ.37-39

Ҳосилнокиии гандум аз хусусиятҳои иқлимии сол вобастагӣ дорад ва ба ҳисоби миёна дар кишвар аз 3,0-3,1 сентнер/га фарқ мекунад. Аз сабаби маҳдуд будани заминҳои обёришаванда, як қисми зироатҳои ғалладона дар заминҳои лалмӣ ҷойгиранд, тақдири ҳосили онҳо, асосан аз миқдори боришот вобаста аст. Таҳлили муқоисавии ҳосилнокиии гандум дар категорияҳои гуногуни хоҷагиҳо нишон дод, ки аз рӯйи ин нишондиҳанда, хонаводаҳо аз ҳисоби дигар категорияҳои хоҷагиҳо ба ҳисоби миёна 0,8-1,0 тонна / га бартарӣ доранд.

Тибқи ҳисобҳои мо, ҳангоми ба ҳисоби миёна гирифтани 5 тонна ғалладонагӣ аз ҳар як гектар замини обӣ дар як сол 800-850 ҳазор тонна ғалла истеҳсол кардан мумкин аст. Аммо, дар асл, ҳосилнокиии ғалладона дар заминҳои обёришааванда ба ҳисоби миёна аз 3,0 т / га зиёд нест, ки саббаи асосии ин набудани маводи баландсифати тухмӣ, маводҳои муҳофизати растанӣ, нуриҳои минералӣ ва техникаи кишоварзӣ, дуруст истифода накардани чорабиниҳои агротехникӣ ва ҷамъоварии ҳосил вобаста аст.

Бояд қайд кард, ки кишти такрории зироатҳои ғалладона дар заминҳои обёришаванда манбаии асосии афзоиши истеҳсоли ғалладонагиҳо мебошад. Олимони тоҷик технологияи истеҳсоли барномарезии ду ҳосили пурраи ғалладона дар як сол дар водиҳои кишварро таҳия кардаанд. Ин технология ба ду зироат имкон медиҳад, ки то 13-15 тонна ғалла (5-6 тонна гандум ва 7-8 тонна ҷуворимакка) истеҳсол кунанд ва ба таври васеъ ба истеҳсолот ворид карда шавад. Аммо ин захира низ ба таври кофӣ истифода намешавад, гарчанде ки дар солҳои охир аз ҳисоби кишти дуюм, асосан ҷуворимакка ва шолӣ, ҳамасола беш аз 100 ҳазор тонна ғалла истеҳсол карда мешавад.

Соҳаи кишоварзӣ асосан барои парвариши пахта махсус гардонида шуда буд. Аз ин рӯ олимони тоҷик дар самти баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва истеҳсоли пахтаи хом, ки ашёи асосии стратегӣ ба ҳисоб мерафт таҳқиқот мебурданд. Аммо, ба ин нигоҳ накарда, як қатор корҳои илмию таҳқиқотӣ низ бо кишти ғалладона гузаронида

шуданд, ки дар натиҷа як қатор навъҳои гандум аз қабили Шарора, Бахт, Ватан, Наврӯз ва ғайра ба истеҳсолот ворид карда шуданд.

Дар дурнамои миёнамуҳлат, афзоиш додани истеҳсоли ғалладонагӣ тавассути такмил ва ворид намудани навъҳои нави тобовар ба касалиҳою зараррасонҳо ва шароити номусоид (хушксолӣ, ҳарорати баланд ва ғайра), бояд ба роҳ монда шавад. Инчунин истифодаи оқилонаи потенсиали биоиклимии ҳар як гектари

обёришаванда дар нимаи дуюми тобистон барои парвариши кишти такрории зироатҳо манбаи асосии афзоиши ҳаҷми истеҳсоли ғалладонагиҳо мебошад. Имконияти таҳияи низоми ба даст овардани ҳосили ду зироати ғалладона дар минтақаҳои водии Тоҷикистон вуҷуд дорад. Таҷрибаҳои саҳроии олимон ва деҳқонон собит мекунанд, ки ин низом ба мо имкон медиҳад, ки ду зироати ғалладона - гандуми тирамоҳӣ, ҳамчун зироати аввал ва ҷуворимакка, лӯбиёгиҳо, шолӣ ва ғайраҳоро ҳамчун зироати дуюм ба даст орем. Рақобат байни гандум ва пахта дар майдони обёришаванда то даме идома меёбад, ки пахта зироати стратегӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ин рақобатро бо таъсири самараи ҳамоҳангшуда

(таъсири ҳамоҳангшуда) иваз намоем. Дар робита ба ин, навъҳои пешпазаки гандум ва пахта бояд интихоб карда шуда, пас аз ҷамъоварии ғалладона пахта кошта шавад, ки ин усул ба гардиши зироатҳои ғалладона ва пахтакорӣ мусоидат менамояд. Густариши минбаъдаи майдони кишти гандум дар заминҳои обёришаванда ғайриимкон аст. Ҳамин тавр, зарурати омӯзиши минбаъдаи сифати ғалладона ва пухтагии дони ғалладона ҳангоми парвариши навъҳои нав тавассути коркард ва такмили техникаи кишоварзӣ зарур аст.

Сарфи назар аз он, ки проблемаҳои тухмипарварӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини соҳаи кишоварзӣ мебошанд, истеҳсоли тухмии баландсифат дар сатҳи зарурӣ ҳал нашудааст. Аз ин рӯ, омили муҳимтарини афзоиши ҳосилнокӣ таъмин намудани хоҷагиҳо бо тухмии аълосифат аст.” Навъҳои арзишнок ва баландсифат - суперелита ва элита яке аз шартҳои ҳосили баланди зироат ва дар маҷмӯъ самаранокии маҳсулот мебошад. То ба имрӯз, дар ҷумҳурӣ тухмии аълосифат вуҷуд надорад.

Яке аз мушкилотҳои асосии диагари соҳаи кишоварзӣ ин нарасидани техникаи кишоварзӣ дар хоҷагиҳои галлакории ҷумҳурӣ мебошад. Тибқи ҳисобҳои мо таъминот бо комбайнҳои ғалладарав дар минтақа ҳамагӣ 10% ро ташкил медиҳад. Танҳо таъминот бо тракторҳои ҳамаи намудҳо каме хуб ба роҳ монда шудааст.

Соли 2016 бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Э. Раҳмон дар шаҳри Ҳисор заводи тракторбарории Ҷумҳурии Беларус кушода шуд ва аз ин сол сар карда шумораи тракторҳо дар минтақа зиёд гардид. Инчунин солҳои охир фаъолияти КВД “Тоҷикагролизин” бештар ба ворид намудани тракторҳои гуногунтамға нигаронида шудаанд, ки таъминоти корхонаҳои кишоварзиро бо техника беҳтар намуд (ҷадв. 5).

Аз нишондиҳандаҳои таъминоти техникаи кишоварзӣ бар меояд, ки хоҷагиҳои ҷумҳурӣ бо таракторҳо,комбайнҳои ғалладарав, ҷуворимаккағундор, автомобилҳои боркаш ва тухмипошакҳо таъмин нестанд. Таминот бо тракторҳои шудгоркунанда ҳамагӣ - 11,2%, комбайнҳои ғалладарав - 31,8, тухмипош ғалла -14,7% -ро ташкил медиҳад, ки сабаби зиёд шудани хароҷотҳои меҳнат ва паст шудани самаранокии зироатҳои кищоврзӣ мегардад. Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳиссаи асосиро дар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва маҳсулоти ба фурӯш баровардашуда дар минтақа корхонаҳои деҳқонӣ ишғол менамоянд, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз ҷониби хоҷагиҳои аҳолӣ бошад, асосан барои қонеъ кардани эҳтиёҷотҳои худи онҳо нигаронида шудааст. Ҷадвали 5. - Талабот ба трактору мошинҳои асосии соҳаи кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ барои соли 2018 (бо назардошти талаботи ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ)

**Ҷадвали 5. - Талабот ба трактору мошинҳои асосии соҳаи кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ барои соли 2018**

**(бо назардошти талаботи ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ)**

| № | Номгӯи қисмҳои эҳтиётӣ | Тамға | Меъёр 1000га (адад) | Замини кишт (ҳазор, га) | Меъёри талабот (адад) | Мавҷуд аст (адад) | Омдаи кор (адад) | Норасоӣ (адад) | Сатҳи таъминот % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Тракторҳо ҳамагӣ | | 44 | 826,7 | 36374 | 26594 | 19647 | 16727 | 54,0 |
| 1.1. | Аз он ҷумла: Шудгоркунан да | Т- 4,ХТЗ ДТ.75, МТЗ | 17 | 826,7 | 14053 | 2509 | 1569 | 12484 | 11,2 |
| 1.2. | Байниқаторӣ | Т- 28. Т-40 | 27 | 252 | 6804 | 5977 | 4603 | 2201 | 67,7 |
| 2. | Испорҳо | П Н ПВН | 15 | 826,7 | 9458 | 9019 | 7290 | 2168 | 77,1 |
| 3. | Тухмипош ғалла | СЗ. СЗН | 8 | 290 | 2320 | 468 | 342 | 1978 | 14,7 |
| 4. | Комбайнҳои ғалладарав | СК5. СКД Енисей | 8 | 255 | 2040 | 1021 | 649 | 1391 | 31,8 |
| 6. | Култиваторҳ ои байни қаторӣ | КХУ КОН КРН | 17 | 186 | 3162 | 224 | 167 | 2995 | 5,3 |
| 7. | Ядакҳои тракторӣ | 2ПТС | 25 | 105 | 2625 | 575 | 370 | 2255 | 14,1 |
| 8. | Достҳои тракторӣ | КС | 9 | 99 | 891 | 77 | 44 | 847 | 4,9 |

**Манбаъ:** Ҳисобҳои муаллиф аз рӯйи маълумоти ҳисоботи солани КВД «Тоҷикаролизинг» барои соли 2018.

Дар айни замон, дар истеҳсоли ғалладонагӣ дар Тоҷикистон шароити хубу самарабахш вуҷуд надорад. Истеҳсолкунандагони ғалладона, чун қоида, заминаи моддию техникии фарсуда ва номукаммал, вазъи заифи

молиявӣ, қобилияти пасти харидории аҳолӣ, рӯбарӯ мегарданд. Вазъи озуқаворӣ аз ҳосили умумии ғалладона, ки фондҳои истеъмолиро ташкил медиҳанд, аз бисёр ҷиҳат вобаста аст. Вазифаи ояндаи давлат мувозинати эҳтиёҷоти илмии асосноки ғалладона ва маҳсулоти нонӣ бо дархости воқеӣ мебошад, ки бо назардошти омилҳои тағйири талабот ва амалҳои мувофиқ оид ба тағйир додани пешниҳод ба даст оварда мешавад.

Рушди босамари истеҳсолоти ғалладонагиҳо дар ҷумҳурӣ дар асоси интесификатсиякунонии истеҳсолот, ки бо воситаи истифодаи навъҳои наву серҳосили ғалладонагиҳо ва технологияи сарфакунандаи захираҳо, сохтори бонизоми кишти зироатҳо, азнавбарқароркуни хок асос ёфтааст, вобастагии амиқ дорад.

Адабиёт

1. Нечаев В. И. Резервы увеличения производства зерна и повышения его эффективности: Региональный аспект / В. И. Нечаев, А. П. Рыбалкин - М.: АгриПресс, 2002. - 284 с.

2. Алтухов А. И. Зерно России / А. И. Алтухов, А. С. Васютин. - М.: ЭКОНДС-К, 2002. - 432 с.

3. Алтухов А. И. Повышение эффективности производства зерна на основе научно-технического прогресса / А. И. Алтухов, В. И. Нечаев, А. И. Трубилин - М.: АгриПресс, 2005. - 208 с.

4. Гусев А. Роль зернового хозяйства в решении проблемы продовольственной безопасности страны // Международный сельскохозяйственный журнал, 2007. - №1. - С. 14.

АННОТАЦИЯ

СОСТОЯНИЕ ПРОИЗВОДСТВА ЗЕРНОВЫХ В ГИССАРСКОЙ ЗОНЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье анализируется производство зерна в Гиссарском регионе. Авторы отмечают, что на производство зерна влияют многие природные и экономические факторы. В статье отмечается, что нехватка удобрений, топлива и сельскохозяйственной техники привела к снижению урожайности зерна.

АННОТАЦИЯ

ҲОЛАТИ ИСТЕҲСОЛИ ҒАЛЛАДОНА ДАР МИНТАҚАИ ҲИСОРИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола ҳолати истеҳсоли ғалладонагиҳо дар минтақаи Ҳисор оварда шудааст. Муаллифон қайд менамоянд, ки ба истеҳсоли ғалладонагиҳо омилҳои зиёди табиӣ-иқтисодӣ таъсир мерасонанд. Дар мақола дарҷ гардидааст, ки нарасидани нуриҳои минералӣ, сӯзишворӣ ва техникаи кишоварзӣ сабаби паст гардидани ҳосилнокии зироатҳои ғалладонагӣ гардидааст.

ANNOTATION

STATE OF GRAIN PRODUCTION IN GISSAR ZONE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article analyzed the grain production in the Hisser region. The authors note that many natural and economic factors influence at the grain production. The article notes that the lack of fertilizers, fuel and agricultural machinery has led to the decreasing in grain yield.

***Key wards:*** *cereal, profitability level, quality, ox collection, food policy, supporting of the agriculture machinery, income, profit.*